«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Данғара доктори илмҳои иқтисодӣ
________Хайрзода Ш.Қ.
«____»______________соли 2023

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзӯи « Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст: Диссертатсияи номзадии унвонҷӯ Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ» ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла ба банди 3 - Антропологияи педагогӣ (консепсияи тарбия, таълим ва иҷтимоисозии шахс тавассути таълим; низомҳои / шароитҳои / рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, омӯзиш;) ва ба банди 5 - Назария ва консепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии тарбия: шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногун ба камол расидани ӯ, асосҳои арзиши ташаккули раванди таълим, низоъҳои педагогии тарбия;) мувофиқат мекунад.

Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъала ва коркарди мавзуи илмӣ: Дар ҷомеаи имрӯзаи мо таҳаввулоте, ки дар даҳсолаҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омадааст, талаботҳои комилан нав барои тарбияи фарзандро фароҳам меорад. Аз тарафи муҳаққиқ бо пешниҳоди вазифаи таъхирнопазир дар марҳилаи кунунӣ ин таъмин намудани тандурустии насли наврасро дида баромада, ҳадафҳо пешниҳод намудааст, ки пурра ба барои ҳалли мушкилоти омада мувофиқ мебошад, масалан: яке аз ҳадафҳои асосии таълим ва тарбия пас аз ислоҳоти он фароҳам овардани

муҳити таълимию тарбиявӣ мебошад, ки ба эҳёи ҷисмонӣ ва маънавии кӯдакони синну соли ибтидоӣ мусоидат менамояд, ташаккули тарзи ҳаёти солим, ташаккули фарҳанги солим, таъсири мусбии омилҳои берунӣ ва дохилии муҳити зист ва ҳавасмандгардонии тарзи ҳаёти солимро ташкил медиҳад.

Давраи таҳсил дар мактаби ибтидоӣ дар ташаккул ва таҳкими тандурустии мактаббачагон мавқеи назаррасро ишғол мекунад. Бад шудани вазъи тандурустии мактаббачагон, ки дар солҳои охир мушоҳида карда мешавад, таваҷҷӯҳи бештар ва андешидани чораҳои мушаххасро барои тақвият ва таҳкими он талаб мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти сершумори тандурустии насли ҷавон боиси нигаронии ҷиддӣ мебошанд. Дар заминаи дигаргуниҳои манфии вазъияти экологӣ, мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, ихтисосҳои тиббии маҳдуди тиббӣ, суръати афзоиши кӯдакони дорои тандурустии заиф дар муассисаҳои таълимӣ возеҳ аён аст. Онҳо барои мутобиқ шудан ба фаъолиятҳои омӯзишӣ, тамаркуз ва анҷом додани вазифаҳои таълимӣ мушкилӣ доранд. Ин ҳолати организм самараи технологияҳои пешқадами педагогиро коҳиш медиҳад ва иҷрои барномаи рушди шахсиятро ба таври назаррас мушкил мекунад.

Омили ҳалкунанда, ки ба вазъи тандурустии кӯдакон, ҳамчунин ба муҳити атроф таъсир мерасонад, муҳити мактаб мебошад. Афзоиши сарбории кории таълим дар мактаб мушкилоти тандурустии хонандагони хурдро боз ҳам шадидтар кардааст. Тибқи таҳқиқотҳои муҳаққиқон ба тандурустии хонандагон таъсири зиёд расонида мешавад: ғайрифаъол будан, зиёд шудани сарбории таълимӣ, камғизоӣ ва риоя накардани меъёрҳои гигиенӣ, рӯшноӣ ва ғайра, ҳамчунин иттилооти нокифоя дар бораи тандурустӣ ва тарзи ҳаёти солими кӯдакон, омӯзгорон ва падару модарон, фаъолияти ғайриқаноатбахши мактаб дар ташаккули фарҳанги солим.

Маълум аст, ки тандурустӣ ҷузъи муҳимтарини беҳбудии инсон, хушбахтӣ, аз ҳуқуқҳои асосии инсон, шартҳои рушди муваффақонаи иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар мебошад.

Тандурустии аҳолӣ вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, демографӣ, экологӣ, санитарӣ ва гигиении кишварро инъикос мекунад ва ба шиддатнокии пешрафти он таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, тандурустӣ хислати сифатии ҳама гуна ҷомеа мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз он иборат аст, ки ӯ мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, объект ва мавзуи он, таҳлили сарчашмаҳо, таҳия, коркард ва таҳлили ҳаматарафаи кори тадқиқотиро муайян намудааст. Диссертант дар тӯли фаъолияти илмии худ асосҳои назариявию методологӣ ва хулосаву натиҷагириҳои кори тадқиқотии мазкурро мустақилона иҷро намуда, доир ба ҳамгироии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ гузаронидааст, ки ин бевосита саҳми шахсии ӯ маҳсуб мешавад.

Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ: навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ. Навгониҳои илмии таҳқиқот дар он аст, ки унвоҷӯ зимни баргузории таҳқиқоти диссертатсионӣ тасдиқ кардааст, ки муносибати маҷмуӣ ба таҳияи муҳтаво ва чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани саломатии хонандагон ташаккул меёбад ва онҳо ба ҷамъоварии дониш оид ба тарзи ҳаёти солим мусоидат мекунанд; муайян кардааст, ки дар сохтори таъмини саломатии хонандагон омили педагогӣ ҷузъи таркибии он мебошад, ки моҳияти он ангезаи муҳими тарзи ҳаёти солим дар тарбияи фарзандон, дарки моҳияти фарҳанги солимӣ ва тарзи ҳаёти солим мебошад; шароитҳои ташкилию педагогиро муқаррар кардааст, ки имкон медиҳанд дар асоси муносибати маҷмуӣ раванди ташаккули тарзи ҳаёти солимро идора карда, дар айни замон ба он муҳити солим таъсир расонад; хусусиятҳои муҳити солим ва ташаккули ТҲС барои хонандагони зинаи аввали таҳсилот ва имконоти онро барои ташаккули сифатҳои шахсии кӯдакон дар муҳит ва шароити мактаб мавриди омӯзиш қарор додааст, ҳамчунин, шароитҳои педагогиро дар асоси озмоиш муайян ва санҷидааст, ки ба таъмини муҳити солим ва ташаккули ТҲС дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунад.

Мақсади таҳқиқот ин омӯзиш, таҳлил ва баррасии масъалаи баланд бардоштани сифати тандурустии хонандагони хурдсол тавассути тарҳрезӣ ва татбиқи технологияҳои сарфакунандаи тандурустӣ дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) буда, барои амалӣ

намудани мақсади умумию асосии тадқиқоти илмӣ ҳалли вазифаҳои зерин ба миён гузоштааст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот довталаб ба ҳаллу фасли онҳо ноил шудааст:

-омӯзиши вазъу ҳолати проблемаи дастгирии муҳити солими атроф ва ташаккули ТҲС дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар назария ва амалияиМТМУ;

-омӯзиши таҳқиқотхои педагогӣ оидба масъалаҳои тандурустӣ ва ТҲС дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

-коркарди амсила барои таъмини муҳити солим ва ташаккули ТҲС-и хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи мустақилонаи донишҳо, малакаҳо ва қобилиятҳо барои тарғиби ТҲС;

-муайян кардани мундариҷа, хусусият ва технологияи ҳифзи тандурустӣ ва ТҲС дар низоми МТМУ;

- муқаррар кардани самтҳои асосии кори кормандон дар муассисаҳои таълимӣ дар мусоидат барои таъмини шароитҳои ҷанбаи педагогӣ дошта дар ташаккули фарҳанги солимӣ дар кӯдакии барвақт;

-асоснок намудани сохтор ва муайян кардани мундариҷа, ҳаҷму андозаҳои таълимӣ барои ташаккули ТҲС дар хонандагони синфҳои ибтидоии МТМУ.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, қабл аз ҳама, дар мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтани асосҳои назариявӣ ва амалии рисолаи мазкур диққати муҳаққиқ барои муайян намудани ин бандҳо ҷиддӣ равона шудааст, ки барои бартарафи чунин мушкилиҳо фикр дорем бисёр ҳам бомавқеъ мебошад.

-асосҳои илмии мундариҷаи ташаккули тарзи ҳаёти солим дар раванди таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян карда шуданд;

-натиҷаҳои назариявии тадқиқот ба мо имкон медиҳанд, ки барои ҳалли мушкилиҳои тандурустии донишомӯзони хурдтар равиши муассиртареро таҳия ва амалӣ намоем.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои тадқиқот ба муассисаҳои таълимӣ имкон медиҳанд, ки раванди тандурустиро аз нав идора кунанд ва тарзи ҳаёти солимро барои хонандагони хурдсол ташаккул диҳанд, ки ин ҳам бошад ҳам ба рушди ҷисмонии кудак ва ҳам рушди зеҳнии кудак бисёр як шароити мусоид фароҳам меорад.

Дараҷаи асосноккунии нуктаҳои илмӣ. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот бо маълумоти дақиқ, ҳаҷми кофии мавод, коркарди натиҷаҳои тадқиқот, маърӯза ва мақолаҳои интишоргардида асоснок карда шудааст. Хулоса ва пешниҳодҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои тадқиқоти назариявӣ ва амалии муаллиф манзур карда шуда, тавассути методологияи зерини таҳқиқот таъмин карда шудаанд:

-истифодаи маълумоти илмӣ ва амалияи равоншиносии муосир; маҷмуи мувофиқаи методҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ, ки ҳамдигарро мукаммал ва тасдиқ карданд;

-истифодаи методҳои мутобиқ ба мавзӯъ ва вазифаҳои тадқиқот; санҷиши таҷрибавии хулосаҳои асосии диссертатсия; миқдори назарраси маълумоти таҷрибавӣ;

-истифодаи меъёрҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок барои баҳодиҳии натиҷаи корҳои таҷрибавӣ.

Нуктаҳои алоҳида ва натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар маърузаҳо, конфронсҳои солонаи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорони Коллеҷи омӯзгорӣ ва ДТМИК (2017-2022) мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷлисҳои кафедраи илмҳои гуманитарии ТМИК (2018-2022) муҳокима карда шудаанд. Ҳамчунин 2 монография ва 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионӣ»-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда нашр гаштааст. Нуктаҳои алоҳида ва натиҷаҳои таҳқиқотро дар раванди таълими фанҳои педагогӣ ва дигар фанҳои ба тандурустӣ алоқаманд истифода бурдан манфиатнок аст.

Натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда тавассути диаграмма ва расмҳо инъикос, таҳлил ва арзёбӣ шудаанд, барои саҳеҳ барраси намудани кор натибахш ҳисобида мешавад.

Дар қисмати хулоса андешаҳои муаллиф доир ба роҳу василаҳои ҳалли мушкилоти мавҷудаи соҳа дар шакли тавсия ва пешниҳодот ҷамъбаст гардидаанд, ки аҳамияти илмию методологии кори мазкурро собит месозанд. Автореферат ва корҳои нашрии диссертант мазмуни асосии рисолаи диссертатсиониро инъикос менамоянд. Шиносоӣ бо рисолаи пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки муаллиф дорои қобилият ва

малакаи хуби тадқиқотӣ ва истифодаи методҳои мухталифи таҳлилӣ мебошад. Кори диссертатсионӣ натиҷаи заҳматҳои шахсии муаллиф ва тадқиқотҳои мутақилонаи ӯ мебошад.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти мазкур бо робитаҳои байниҳамдигарӣ ва ягонагии дохилии диссертатсия шакл гирифта, дар доираи назарияи педагогика ва тасдиқоти нуқтаҳои илмии таҳқиқот, ки фарогири масъалаи сифати маҷмуии сохтори шахсияти хонанда дар марҳилаи ибтидоии таълим мебошад, ки дар он хонандагон ва омӯзгорон як қатор омилҳои муҳими ташаккул, таҳким ва ҳифзи саломатии худро истифода мебаранд, ки аз шаклҳои амалии рафтор ва дониши назариявӣ, ки дар навбати худ ба ҳалли вазифаҳои рӯзмарра, иҷтимоӣ ва тарбиявӣ дар шароитҳои барои саломатӣ мувофиқтар ва амалияи он саҳми босазо гузошта метавонанд.

Тасдиқи асоснокии нуктаҳои калидии илмӣ ва хулосаҳои диссертасионӣ бар пояи методологияи тамоюли системавӣ, консепсияи илмии психологию педагогӣ, методҳои назариявӣ ва методӣ, инчунин таҳлили шарт ва натиҷаҳои озмоиши педагогӣ, тасдиқи фарзияи таҳқиқ-ҳамгироии методҳои комплексӣ, ки ба масъалаҳои ҳар як зина таҳқиқ ҳамбастагӣ доранд, таҷрибаи муаллиф ба сифати омӯзгори мактаби олӣ ташкил медиҳанд.

Дар матни диссертатсия маводи муаллифони дигар ва ҳиссаи ҳаммуалифон танҳо тавассути истинодоварӣ истифода гардидааст. Дар диссертатсия ягон маълумоти сирри давлатидошта ё иттилооте, ки паҳнкунии он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, мавриди истифода қарор нагирифтааст. Автореферат ва натиҷаҳои илмӣ бо эътимоди кофӣ муҳтавои таҳқиқоти гузаронидашуда ва дарунмояи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Баҳогузории ягонагии дохилии натиҷаҳои бадастомада. Ягонагии натиҷаҳои бадастомадаро аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ риоя гардидани мӯҳлати марҳалаҳои таҳқиқот, мавриди истифода қарор додани методҳои мувофиқ ба объект, мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби дурусти миқдору ҳаҷми гурӯҳҳои озмоишӣ, имконияти воқеии тасвиби озмоиш дар амалияи таълиму тарбия таъмин намудаанд.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи хуб таҳия гардида, ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои нашрнамудаи унвоҷӯй мухтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

Эродҳо ба кори диссертатсионӣ. Дар баробари бомуваффақият анҷом додани рисолаи мазкур аз тарафи муҳаққиқ якчанд нуктаҳо аз мадди назар дур мондаанд, ки агар ин камбудиҳо бартараф карда шаванд ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Хуб мешуд, ки дар зербанди сеюми боби якуми диссертатсия мисолҳои амалӣ оид ба технологияи муҳити тандурустӣ барои рушди зеҳнӣ ва ҷисмонии хонандагон оварда мешуд.

2. Ҳам дар автореферат ва ҳам дар рисола хатоҳои услубӣ ва техникӣ зиёдӣ ба назар мерасанд.

3. Дар диссертатсия таҳқиқотҳои олимони ватанӣ таҳлил карда шудааст, вале бартарии ин ё он таҳқиқот аз якдигар кушода дода нашудааст.

Эродҳои зикршуда ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ба арзиши илмӣ-назариявӣ ва амалии рисола таъсири манфӣ намерасонанд.

Хулоса: Диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – «Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот» сазовор мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ Гулзода наҷиба мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар семинари илмии васеи кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара, ки дар он

довталаби дараҷаи илмӣ Абдусамадзода Бахтулло иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар дар семинари илмии васеи кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара 12 нафар устодону омӯзгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 12 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест. (Қарори семинари илмии васеи кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара аз 08.06.2023, №10).

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи
Педагогика ва психологияи
Донишгоҳи давлатии Данғара,
номзади илмҳои педагогӣ — Ғафурова Д.Ҷ.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Гулзода Н.А.

Котиби ҷаласа
номзади илмҳои педагогӣ — Набиев Ҷ.Ғ.

08.06.2023

**Маълумот барои тамос:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Маркази 25; Тел: +992 833122-28-06, +992 553 555765; E-mail: dddangara_2013@mail.ru, dilorom.gafurova.@mail.ru; www.dsu.tj

*Имзои Д.Ҷ. Ғафурова, Н.А. Гулзода, Ҷ.Ғ. Набиевро тасдиқ мекунам.*

*Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара* — *Асадуллоева Д.*